**Такриз**

ба автореферати диссертатсияи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи «Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Таҳлили таҷрибаи сатҳи муосири таълим ва мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки проблемаи бо кадрҳои соҳибтахассус таъмин намудани хоҷагии халқи кишвар, яке аз масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, бартарафсозии проблемаҳои он ба сатҳи омодагии касбии мутахассисони баландихтисос ва рақобатпазирии бозори меҳнат вобаста аст.

Вобаста ба ислоҳоти соҳаи маориф, мазмуну муҳтаво ва воситаҳои таълиму тарбия дар мактабу дабистонҳо солҳои охир таклифу пешниҳод ва амсилаву коркарди таҷрибавӣ хеле вусъат ёфта, то ҷое заминаи мукаммалгардонӣ фароҳам омадааст. Чунончӣ, дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» таъкид шудааст: «зарур аст, ки навъҳои мухталифи барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ таҳия гардида, онҳо ҳар чӣ бештар ба ташаккули салоҳияти касбӣ равона карда шаванд».

Зарурият ва заминагузорӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» низ таъкиди махсусе оварда шудааст.

Диссертант боварии комил дорад, ки ҳангоми дуруст ба роҳ мондани хусусиятҳои педагогӣ - психологии салоҳияти касбӣ дар раванди таълими мактаббачагони синни хурди мактабӣ ва истифодаи ҷанбаҳои ташкилию педагогии омодагии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар раванди ташаккули

сатҳи донишазхудкунии хонандагони хурдсол самарабахш хоҳанд шуд. Тадқиқоти гузаронида шуда, беш аз 728 нафар омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумиро фаро гирифта, натиҷаи он хулосабарорӣ карда шудааст.

Ба ақидаи муаллиф имрӯз масъалаи баланд бардоштани технологияи сатҳи маърифатӣ, захираҳои донишгирӣ, ки самти асосии ташаккули инсони ботаҷриба мебошад, хеле муҳим аст. Аз ин рӯ, муаллиф барномаи курси махсусро барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ барои татбиқи ҳамкориҳои дуҷонибаи таълими мактаббачагони хурдсол таҳия намудааст. Ҳадафи барномаи курси махсус «Фаъолияти инноватсионии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосир» мусаллаҳ намудани омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо назария ва амалияи татбиқи технологияи нави таълими мактаббачагони хурдсол мебошад.

Автореферати диссертатсия дар доираи рисола таълиф гардида, маҷмӯъ натиҷаи кори тадқиқотии муаллифро инъикос мекунад. Аз натиҷаи автореферати диссертатсия аён мегардад, ки муҳаққиқ дар бораи фаъолияти инноватсионии омӯзгор ва нақши он дар ташаккули ахлоқии насли наврас бо як усусли хос бо овардани санадҳои мӯътамад ба саҳифаҳои осори илмӣ ишораҳо кардааст. Ҳамчунин, зимни баррасии масъалаҳои назариявӣ андешаи шахсии худро низ баён кардааст.

Хулоса, тадқиқоте, ки Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон ба анҷом расонидааст, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ барои педагогикаи имрӯзаи тоҷик тадқиқоти нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои минбаъдаи илмӣ раҳнамои хуб шуда метавонад.

Ҳамин тавр, рисолаи тадқиқотии Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи «Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори ба анҷомрасида буда, муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд ва мақолаҳои нашр намудаи муаллиф ба талаботи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, фарогири мавзуи диссертатсия мебошад.

Муаллифи диссертатсия - Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) арзанда мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
Директори Муассисаи давлатии
«Китобхонаи миллӣ»-и
Датгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзализода Ҷумахон Хол

20 декабри 2023.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734024,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Теҳрон 5.
Тел:(+992322)2-21-89-56.моб.+922818-50-63-24
Суроғаи элктронӣ: f.jumfkhon@mail.ru.

Имзои профессор Ҷ.Файзализодаро
тасдиқ менамоям: Сардори Раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси МД «Китобхонаи миллӣ»-и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Исломов А.Х.

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ "КИТОБХОНАИ МИЛЛӢ"-И ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС